| | |
|---|---|
| «Мувофиқа шуд»<br>Вазири молияи<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>С. Наҷмиддинов<br>аз “01” июни соли 2013<br>№3-12а/18 | «Тасдиқ шудааст»<br>бо Фармоиши Раиси Кумитаи<br>андози назди Ҳукумати<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>аз “23” апрели соли 2013<br>№ 11-Ф |

# ДАСТУРАМАЛ
# Оид ба андозбандии корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамали мазкур дар асоси талаботи қисми 11 моддаи 313 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кодекси андоз) таҳия гардида, хусусиятҳои андозбандии корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагии дӯзандагӣ) машғул мебошанд, муайян менамояд.

## 2. ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ

2. Барои корхонаҳои навтаъсис, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагии дӯзандагӣ) (минбаъд – корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда) имтиёзҳои андозии зерин муқаррар шудааст:

а) воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худ аз ҷониби корхонаҳои навтаъсис аз боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда озод мебошанд;

б) содироти молҳое, ки корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда истеҳсол мекунанд, аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд;

в) корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда аз андоз аз фоида, андози низоми соддакардашуда ва андозҳо аз молу мулки ғайриманкул озод мешаванд.

Имтиёзҳои дар банди 2 пешбини шуда ба муҳлати то 12 сол аз 1-уми январи соли ба қайди давлатӣ гирифтани корхонаҳои навтаъсис ва барои корхонаҳои амалкунанда аз 1 январи соли 2018 муайян карда мешавад.

Тибқи қисми 10 моддаи 313 Кодекси андоз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад барои коркарди саноатии пӯст, пашм, абрешими хом ва дигар ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ ба маҳсулоти ниҳоӣ ба муҳлати то 5 сол имтиёзи андозӣ пешниҳод намояд.

Ба корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда, ки ҳуқуқи истифодабарии имтиёзҳои андозии зикргардидаро пайдо мекунанд,

имтиёзҳои пешбининамудаи банди 6) моддаи 110 Кодекси андоз оид ба андоз аз фоида ва сархати 4 қисми 4 моддаи 169 ҳамин Кодекс доир ба андоз аз арзиши иловашуда, татбиқ намегарданд.

3. Номгӯи корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда, ҷадвали ба кор даровардани силсилаи пурраи коркарди нахи пахта, санаи дар онҳо пайдо шудани ҳуқуқ барои гирифтани имтиёзҳои андоз ва муҳлати додани имтиёзҳои андоз бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

4. Тибқи тартиби муқаррарнамудаи Боби 3 Дастурамали мазкур корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда дар нозироти андози дахлдор ба қайди махсуси андоз гирифта мешаванд ва пардохти андозҳои муқарраршударо, ба истиснои андозҳои дар банди 2 ҳамин Дастурамал муайяншуда, сари вақт ва пурра пардохт менамоянд.

5. Корхонаҳои навтаъсис баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва қайди махсус (алоҳида) дар Вазорати молия ва Кумитаи андоз, инчунин дар нозироти андози дахлдор гузошта шуданашон метавонанд аз имтиёзҳои андоз истифода баранд.

6. Корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда дар эъломия ва дигар ҳисоботи андозҳо, ки нисбати онҳо дар банди 2 ҳамин Дастурамал имтиёзҳо дода шудаанд, тибқи тартиби муқарраргардидаи Кодекси андоз маблағи андозҳоро ҳисоб намуда, бе пардохт ба нозироти андози дахлдор пешниҳод менамоянд. Дар чунин эъломия ва дигар ҳисоботи андозҳо калимаҳои «Корхонаи коркарди пурраи нахи пахта» дарҷ мегардад.

Эъломия ва дигар ҳисоботи андозҳо, ки нисбати онҳо дар банди 2 ҳамин Дастурамал имтиёзҳо пешбинӣ нашудаанд, тибқи тартиби умумӣ пешниҳод мегарданд.

7. Ҳар сол то 31 марти баъди соли ҳисоботӣ нозироти андози дахлдор ва корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда ду намуд санади ҳисоббаробаркунӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои андозро барои соли гузашта таҳия намуда ба имзо мерасонанд.

Дар санади якуми ҳисоббаробаркунӣ маълумот аз рӯи андозҳо оид ба маблағҳои тибқи банди 2 ҳамин Дастурамал пардохтнашудаи (имтиёзҳои гирифташуда (бо нишондоди меъёри миёнаи андозҳо))-и корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда дар соли ҳисоботӣ, дар санади дуюм бошад – вазъияти ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи дигар намуди андозҳо дарҷ мегардад.

Нусхаи аслии санади якум то 20 апрели баъди соли ҳисоботӣ аз ҷониби нозироти андози дахлдор ба Кумитаи андоз барои нигоҳдорӣ пешниҳод гардида, нусхаи дуюми он дар нозироти андози дахлдор дар парвандаи корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда нигоҳ дошта мешавад.

8. Нусхаи аслии эъломияҳо ва дигар ҳисоботҳои андози корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда нисбати андозҳои имтиёзнок баъд аз ба анҷом расидани мӯҳлати 5-солаи нигоҳдорӣ аз ҷониби нозироти андози дахлдор ба Кумитаи андоз пешниҳод мегардад (барои нигоҳдорӣ то ба анҷом расидани муҳлати имтиёзнок).

## 3. ҲУҶҶАТҲОЕ, КИ БАРОИ БА ҲИСОБИ МАССУС (АЛОҲИДА) ГУЗОШТАНИ КОРХОНАҲОИ НАВТАЪСИСИ ВА КОРХОНАҲОИ АМАЛКУНАНДАИ КОРКАРДИ НАХИ ПАХТА ЗАРУРАНД

9. Барои ба ҳисоби махсус (алоҳида) гузоштан аз тарафи корхонаи навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда ба мақомоти ваколатдори бақайдгиранда ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

- муроҷиати хаттии корхонаи навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда барои ба ҳисоб гузоштани он;
- номгӯи корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда – гирандаи имтиёзи андоз, муҳлати додани имтиёзҳо ва санаи оғози муҳлати имтиёз бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он муайян карда мешавад;
- хулосаи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мӯҳлати сохтмону ба истифода додани ҳар силсилаи коркарди корхонаи навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда.

Кумитаи андоз нусхаи хулосаи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба нозироти андози дахлдор барои истифодабарӣ ирсол менамояд.

Бо мақсади баҳисобгирии махсус дар Кумитаи андоз Феҳристи корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда пеш бурда мешавад, ки бо ин мақсад маълумотҳо тибқи Замимаҳои 1 ва 2 ҷамъоварӣ карда мешаванд. Маълумоти дар Феҳрист буда барои соли гузашта ба Вазорати молия ба тариқи хаттӣ ҳар сол як маротиба то 1-уми июни баъд аз соли ҳисоботӣ пешниҳод карда мешавад.

Аз ҷониби Вазорати молия ва Кумитаи андоз баъд аз анҷом додани бақайдгирии махсуси корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда барои тасдиқ кардани ҳуқуқҳои онҳо ба имтиёзҳои андоз ба онҳо Маълумотнома (Замимаи №3) дода мешавад.

10. Тибқи тартиби муқарраргардида дар нозироти андози дахлдор барои корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда парванда ва варақаи ҳисоббаробаркунӣ кушода мешавад. Дар сутуни 15 варақаҳои ҳисоббаробаркунии корхонаҳои навтаъсис доир ба андозҳои имтиёзнок ба ҷойи калимаҳои «Ҳамагӣ аз аввали сол ворид карда шуд» калимаҳои «Имтиёзи андозӣ» дарҷ гардида, маблағи имтиёзҳои андоз ҳисоб карда мешаванд (бо нишондоди меъёри миёнаи андозҳои амалкунанда).

Ҳуҷҷатҳое, ки дар парванда нигоҳ дошта мешавад ва бояд аз тарафи корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда ба нозироти андози дахлдор пешниҳод карда шаванд:

- маълумотномаи хаттии корхонаи навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда оид ба санаи шуруъ кардани таъсиси силсилаи навбатии коркард;
- маълумотномаи хаттии корхонаи навтаъсис оид ба санаи ба кор андохтани силсилаи навбатии коркард.

Инчунин дар парвандаи корхонаи навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда нусхаи санади ҳисоббаробаркунӣ оид ба маблағҳои имтиёзҳои гирифташудаи корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои

амалкунанда аз рӯи ҳар як намуди (тибқи банди 2 ҳамин Дастурамал) андозҳо нигоҳ дошта мешавад.

11. Корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда тибқи боби 3 Дастурамали мазкур уҳдадор мебошанд, ки ҳуҷҷатҳои дахлдорро пурра ва сари вақт ба Вазорати молия, Кумитаи андоз ва нозироти андози дахлдор пешниҳод намоянд.

12. Нозироти андози дахлдор дар муҳлати 10 рӯз дурустии маълумотҳои (банди 9 ҳамин Дастурамал) пешниҳодшударо санҷида нусхаи маълумот ва хулосаи худро оид ба дуруст будани он бо имзои сардори Нозироти андоз ба Кумитаи андоз ва Вазорати молия пешниҳод менамояд.

13. Барои корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда муҳлати нигоҳдории ҳуҷҷатҳои муҳосибавӣ ва ҳисоботҳои андозӣ инчунин муҳлати даъво, ки дар асоси қонунгузории амалкунанда муайян шудааст, ба муҳлати додани имтиёзҳои андозӣ дароз карда мешавад.

## 4. ҚАТЪ ГАШТАНИ АМАЛИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗ

14. Агар корхонаи навтаъсиси ва корхонаҳои амалкунанда коркарди нахи пахта дар давоми муҳлате, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст пас аз ба кор даровардани силсилаи пештараи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ ба таъсис додани силсилаи минбаъдаи коркард шурӯъ накарда бошад, имтиёзҳои андози ба он додашуда қатъ гардонида мешавад.

Бо ин мақсад ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо мақоми ваколатдори давлатӣ ваколат дода мешавад, ки бо қабули санади дахлдор имтиёзҳои додашударо қатъ намоянд.

15. Нозироти андози дахлдор доир ба ин масъала Кумитаи андоз ва корхонаи навтаъсис ва корхонаҳои амалкунандаро на дертар аз 10 рӯз то анҷом гардидани муҳлат ва пас аз 1 рӯз баъд аз анҷом расидани муҳлати дахлдор огоҳ менамояд.

16. Нозироти андози дахлдор мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи маблағҳои имтиёзии андозиро дар давоми давраи имтиёзӣ ҳисоб намуда, ба буҷет меситонад.

## 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

17. Нозироти андози дахлдор маълумоту ҳисоботҳоро оид ба истифодабарии имтиёзҳои андоз аз тарафи корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда ҳар семоҳа ба Кумитаи андоз пешниҳод менамояд.

18. Дар ҳолати қатъ гаштани амали имтиёзҳои андозӣ маблағи имтиёзҳои андозӣ (бо назардошти имтиёзҳои пардохтҳои дигар) бо назардошти ҷарима ва фоизҳо ситонида мешавад.

19. Баъд аз ба анҷом расидани давраи имтиёз ё дар дигар ҳолат қатъ гаштани амали имтиёзҳои андозӣ дар корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда санҷиши маҷмӯии андоз гузаронида мешавад.

Замимаи №1
Ба Дастурамал «Оид ба андозбандии корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда»

## Баҳисобгирии имтиёзҳои андозии корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда

РМА (ИНН) ________________________

Номи пурраи корхона ва суроғаи он ________________________________________________________________
________________________________________________________________________________тел.:___________

Санаи ба қайди махсус (андоз) гирифтан «__»____________с.20_

Рақами қарори ҲҶТ ва таърихи рӯзи қабули он №___ аз «__»___________с.20_

Давраи имтиёзи муқарраршуда аз «___»___________с.20_ то «___»___________с.20_

| №№ | Сол | Маблағи имтиёзҳои андоз, сомонӣ | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Андоз аз фоида (меъёри андоз) | Андози низоми соддакардашуда (меъёри андоз) | Андоз аз молу мулки ғайриманқул (меъёри андоз) | Маблағи умумии имтиёзҳо |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

Ҷадвал дар асоси санадҳои ҳисоббаробаркунӣ вобаста ба андозҳои имтиёзнок бурда шуда маълумотҳо барои соли гузашта то 1 май соли баъд аз соли ҳисоботӣ ҷойгир карда мешавад.

Замимаи №2
Ба Дастурамал «Оид ба андозбандии корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда»

**Баҳисобгирии муҳлати сохтмони силсилаҳои алоҳидаи корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда**

РМА (ИНН) ________________________

Номи пурраи корхона ва сӯроғаи он _______________________________________________________________
_________________________________________________________________________________тел.:____________

Санаи ба қайди махсус (андоз) гирифтан «__»____________с.20__

Рақами қарори ҲҶТ ва таърихи рӯзи қабули он №___ аз «__»___________с.20__

Давраи имтиёзӣ муқарраршуда аз «___»___________с.20__ то «___»___________с.20__

| №№ силсила | Санаи оғози таъсис додани силсилаи навбатӣ тибқи хулосаи ВСТНҶТ (рр.мм.сссс) | Санаи дар амал шуруъ кардани таъсиси силсилаи навбатӣ (рр.мм.сссс) | Санаи ба кор даровардани силсилаи навбати тибқи маълумоти ВСТНҶТ (рр.мм.сссс) | Дар амал шуруъ кардани силсилаи навбатӣ (рр.мм.сссс) | Маълумот оид ба давомнокии амалии таъсис додани силсилаи навбати |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |

*ВСТНҶТ – (Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Замимаи №3
Ба Дастурамал «Оид ба андозбандии корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда»

ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ
ТОҶИКИСТОН

**МАЪЛУМОТНОМА №___**

Рақами бақайдгирӣ №____

тасдиқ карда мешавад, ки ______________________________________
(номгӯи корхона)
______________________________________________________________

Рақами мушаххаси андозсупоранда____________________

Суроғаи корхона______________________________________________
______________________________________________________________

мутобиқи қисми 7 моддаи 313 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №____ аз «__»____________с.20_ ба қайди махсус (алоҳида) дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «__»___________с.20_ №____ ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «__»__________с.20_ №____ гирифта шудаанд, ки ба онҳо ҳуқуқи истифодабарии имтиёзҳои андозро ҳамчун «корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда» медиҳад.

Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳуриии
Тоҷикистон